“Тасдиқ мекунам”
Ректори Муассисаи таълимии ғайридавлатии “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”
______ н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
«___»______2024с. №11

# НИЗОМНОМАИ
# ОЗМУНИ ДОХИЛИДОНИШКАДАВӢ ТАҲТИ УНВОНИ “ДАСТГИРИИ ДОНИШҶӮЁНИ БОЛАЁҚАТУ СОҲИБИСТЕЪДОДИ ДОНИШКАДА АЗ ҶОНИБИ МУАССИС”-И МТҒ “ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН” АЗ ФАНҲОИ ТИББӢ БАЙНИ ДОНИШҶӮЁНИ ДОНИШКАДА

## 1.Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» ва банди 49-и боби 6-и «Оинномаи Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон», таҳия шудааст.

## 2. Мақсади асосии озмун дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис”

2.1. Инкишофдиҳии қобилияти эҷодӣ, фаъолгардонии шавқу рағбати донишҷӯён ба илмҳои тиб, аз ҷумла тиббӣ-иҷтимоӣ ва психотерапевт, дар МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”;

- фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ҳавасмандгардонӣ ва ба самти илм равона кардани донишҷӯёни болаёқат;
- оммавикунонӣ ва паҳн намудани донишҳои назариявӣ ва амалии тиббӣ дар байни донишҷӯён;
- ёрӣ расонидан ва тайёр намудани кадрҳои илмӣ-таълимӣ аз байни донишҷӯёни донишкада ва мукаммалгардонии донишҳои тиббӣ баҳри рушди самти мазкур.

## 3. Ташкилкунандагони озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис”

3.1. Озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис” бо фармоиши ректори МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” дар мувофиқа бо муассиси донишкада ба роҳ монда мешавад.

Сканировано с CamScanner

3.2. Саволномаҳои озмун дар асоси барномаҳои таълимии МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” тартиб дода мешавад.

3.3. Забонҳои баргузории озмун: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мебошад.

**4. Тартиби гузаронидани озмун**

4.1. Озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис” дар базаи МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” ба тариқи ҳузурӣ баргузор мегардад.

4.2. Дар Озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис” -и МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” донишҷӯёне, ки бо баҳои хубу аъло дар донишкада таҳсил мекунанд ва донандаи забонҳои хориҷӣ русӣ ва англисӣ, инчунин дорои истеъдоди хуби суханронӣ мебошанд, ҳуқуқи иштирок карданро доранд.

4.3. Озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис” аз ду давраи шифоҳӣ:

- дараҷаи забондонӣ (русӣ ва англисӣ);
- тахассусӣ (аз рӯи барномаи таълимӣ) иборат мебошад.

4.4. Ҳар як донишҷӯе, ки хоҳиши иштирок дар Озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис”-и МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” - ро дорад, метавонанд ҳуҷҷатҳояшонро пешниҳод намояд.

(*Матни тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон барои иштирок дар озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис”-и МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” замима мегардад!*)

**5. Вазифаҳои кумитаи тадорукотии озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис” - и МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”**

5.1. Озмун аз ҷониби Кумитаи тадорукот, ки бо фармоиши ректори МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” таъсис ва тасдиқ мегардад, гузаронида мешавад.

5.2. Кумитаи тадорукоти озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис”- МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”:

- фаъолият ва тартиби гузаронидани озмунро тасдиқ мекунад;

Сканировано с CamScanner

- ҳайати комиссияи хамоҳангсозӣ ва ҳайати доварони озмунро муқаррар менамояд;
- натиҷаи кори ҳакамонро, ки дар асоси Низомномаи мазкур пешниҳод шудаанд, баррасӣ ва қабул мекунад;
- руйхати ғолибони озмунро тасдиқ мекунад;
- ғолибони озмунро аз ҳисоби маблағи таҳсилашон то 50% дар ассоси шартнома кам мегардонад;
- тибқи Низомномаи мазкур дигар фаъолиятҳоро анҷом медиҳад.

**6. Ҳайати ҳакамони озмун**

6.1. Ҳайати ҳакамон аз профессорҳо, дотсентҳо, муаллимон ва ходимони илмии кафедраҳои МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" ташкил карда мешавад.

Вазифаҳои ҳакамон:

- саволҳои озмунро дар шакли тести ва шифоҳӣ таҳия намуда, дигар шаклҳои санҷиши дониши иштирокчиёни озмунро мегузаронад;
- ба кори анҷомдодаи донишҷӯён баҳо дуруст ва одилона додан;
- оид ба беҳтар намудани фаъолияти ташкилии озмун дастуру пешниҳодҳо намоянд;
- дар асоси Низомномаи мазкур дигар фаъолиятҳоро анҷом диҳанд.

**7. Ҷамъбасти озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони "Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис"- и МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон"**

7.1. Ғолибони озмун аз рӯи натиҷаҳои бадастовардаи иштирокчиён муайян карда мешаванд.

7.2. Теъдоди донишҷӯёни болаёқату забондон аз ҷониби Кумитаи тадорукоти озмун вобаста ба теъдоди иштирокчиён муайян карда мешаванд.

7.3. Ғолибони озмун аз ҳисоби маблағи таҳсил дар донишкада то 50% тибқи шартнома кам карда мешавад.

7.4. Рӯйхати ғолибони озмун ва маълумот дар бораи ғолибон дар сайти МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" ва шабакаҳои иҷтимоӣ нашр карда мешавад.

Низомнома дар Шурои олимони донишкада
аз «28» 02 соли 2024, (протоколи №2/8)
баррасӣ гардида, маъқул дониста шудааст.

Сканировано с CamScanner

*Замима*

**Матни тартиби пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон барои иштирок дар озмуни дохилидонишкадавӣ таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис”-и МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”: бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасманд намудани донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон”**

Озмуни дохилидонишкадавиро таҳти унвони “Дастгирии донишҷӯёни болаёқату соҳибистеъдоди донишкада аз ҷониби муассис”-и МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” эълон мегардад.

Барои иштирок дар озмуни мазкур иштирокчиён бояд ба нишондиҳандаҳои зерин мутобиқат кунад яъне:

- бо баҳои хубу аъло таҳсил намояд;
- рафтор ва интизоми намунавӣ дошта бошад;
- донандаи як ва ё зиёда забонҳои хориҷӣ бошанд. Довталабон пеш аз иштирок намудан дар озмун бояд ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намоянд:

- нусхаи шиноснома;
- хислатнома (аз декани факултет ва роҳбари гурӯҳ);
- тарҷумаи ҳол;
- руйхати баҳои солона (транскрипт);
- руйхати дастовардҳо (бо нусха).

Қабули ҳуҷҷатҳо барои иштирок дар озмун ба деканони факултетҳои худ то санаи 5.03.2024 муқаррар мегардад.

Эзох: ҳуҷҷатҳои нопурра ё қисман пешниҳодгардида ба озмун қабул карда намешаванд. Телефон барои тамос: +99288814999, +992888169999, +992905115404, +992918909066, +992556269595

Сканировано с CamScanner